Тасдиқ менамоям,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

_____________ Солеҳзода А.А.

"31" марти соли 2022

# П Р О Т О К О Л И №02

ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии чараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31 марти соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат пешниҳод мегардад).

**Иштирок надоштанд:** вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Зиёиён А.-сардори Сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолӣ, А. Вафо-сардори Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, Ҷалолов М.-сардори Раёсати дурнамосозӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилооти коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №443);

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта бахри рушди устувори ҷамоаҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022», (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №373» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №209);

3. Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряххои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030)

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуданд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилооти коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» Назаров С.-директори Муассисаи давлатии маркази ҷумҳуриявии технологияҳои

иттилооти коммуникатсиони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Барномаи мазкур бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ таҳия гардидааст, ки амалишавии он барои ҳалли вазифаҳои муҳими ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд. Сарчашмаҳои асосии маблағгузории Барнома маблағҳои ҳамасола аз буҷети давлатӣ барои рушди соҳа ҷудошуда, сармоягузориҳои соҳибкорони ватанӣ ва грантҳои фондҳои байналмилалӣ мебошанд.

Тибқи иҷрои Барнома дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 52017 адад компютер ва 3395 адад тахтаи электронӣ Дар панҷ сол ба нақша гирифта шуда, иҷрои он ба ҳолати имрӯза 77924 адад компютер ва 3274 адад тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор дод.

Таҳлил нишон дод, ки дар таҳияи Барнома низоми банақшагирии стратегӣ дуруст роҳандозӣ нашуда, индикаторҳои сифат пешниҳод нашудааст.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А. А., Файзуллозода Ф. В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба ҷараёни иҷрои «Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоаҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022» Нуруллозода Иззатулло Сардори сарраёсати сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии кумаки берунаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ гузориш манзур намуд.

Барномаи мазкур баҳри таъмини рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ ва татбиқи мақсадҳо, вазифаҳо, самтҳо ва чорабиниҳои минбаъда барои амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоии сатҳи ҷамоавӣ дар давраи миёнамуҳлат қабул карда шудааст.

Дар ҷараёни музокирот пешниҳод гардид, ки оид ба маблағгузорӣ аз ҳисоби соҳибкорони ватанӣ, шарикони рушд ва буҷети маҳаллӣ дар алоҳидагӣ дар шакли ҷадвал пешниҳод карда шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А. А., ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Тибқи рузномаи ҷаласа вобаста ба масъалаи сеюм Директори Муассисиаи давлатии илмии "Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" профессор Қаюмов Абдулҳамид оид ба ҷараёни иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №209 «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряххои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» дар шакли рӯнамо гузориш пешниҳод намуд.

Қайд гардид, ки яке аз ҳадафҳои асосии барномаи мазкур ин тартиб додани Феҳристи пиряххои Тоҷикистон ва муайян намудани шумораи аниқи пиряххо ва дар баробари ин омӯхтани ҳолати кунунии пиряххо мебошад.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки арзёбӣ ва мониторинги иҷрои барномаи мазкур мукаммал гардонида шавад.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Файзуллозода Ф.В. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуда, пешниҳодҳои худро вобаста ба мукаммал кардани нишондиҳандаҳои Барнома манзур намуданд.

Дар ҷамбасти ҷаласа бо дарназардошти натиҷаҳои баррасии масъалаҳои рӯзнома чунин қарор қабул карда шуд:

1.Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» -ро бо дарназардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 5 апрели соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2.Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба чараёни татбиқи «Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоаҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022» бо дарназардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 5 апрели соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

3.Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳо (Нуриддинзода А.) гузориши ҷамбастии такмилдодашударо оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №443 то 15 майи соли 2022 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд;

4. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҷараёни татбиқи «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряххои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» бо дарназардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 5 майи соли 2022 гузоришро такмил дода, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намояд;

5.Раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (А. Вафо) барномаҳои дар банди 1 ва 4 қайдшударо мавриди арзёбӣ қарор дода, аз ҷараёни иҷрои онҳо гузориши ниҳоиро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 майи соли 2022 пешниҳод намояд.

Котиби масъул — Ҳ. Мавлонова